*Шӯрои диссертатсионии*
*6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи*
*миллии Тоҷикистон бо суроғаи:*
*734025, ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ 17*

**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи илмии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич дар мавзӯи “Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи иихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

Қарзи бонкӣ дар шароити муосир ҳамчун сарчашмаи асосии сармоягузориҳо дар иқтисодиёт ва рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи таҳлилҳои гузаронидашудаи диссертант маълум гардидааст, ки ташкили захираҳои қарзӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳим дар фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба шумор рафта, ҷалби маблағҳои муваққатан озод аз бонкҳо ташаббуси хосаеро талаб менамояд. Дар автореферат диссертант таҳлили вазъи муосири ҷалби маблағҳо дар ташкилотҳои қарзиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи вобаста ба ҷабҳаҳои назариявӣ ва таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ аз ҷониби коршиносон ва олимони ватанӣ ба таври амиқ ва зарурӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Аз автореферат бармеояд, ки Файзуллоев М.К., мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия аксёфтаро ба таври возеҳ ва равшан нишон додааст, ки иҷрои онҳо метавонад ҷиҳати таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ заминаи заруриро фароҳам оварад. Муаллиф дар банди якуми навгонӣ дуруст қайд менамояд, ки сарчашмаҳои ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ хусусияти занҷирӣ доранд.

Мавриди қайд аст, ки дар шароити кунунӣ ҷараёни ташаккулёбии уҳдадориҳои бонкӣ аҳамияти ҷиддиро касб менамояд, ки бо муносибгардонии сохтор ва сифати идоракунӣ аз рӯи ҳамаи сарчашмаҳои воситаҳои пулӣ, ки иқтидори захиравии бонки тиҷоратиро

ташкил медиҳанд, алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳоди муаллиф оиди таҳияи нақша-чорабиниҳои давлатӣ дар самти таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ муҳим арзёбӣ шуда, барои устуворгардонии фаъолият ва рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбӣ мерасонад.

Ҳамчунин бояд зикр намоем, ки автореферати мазкур дар баробари аҳамияти илмӣ ва амалӣ доштан аз норасоиҳо низ холӣ нест. Аз ҷумла, норасоиҳое, ки ба назари мо бояд бартараф карда шаванд, инҳоянд:

1. Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки муаллиф аз сарчашмаҳои илмии ватанӣ ба таври васеъ истифода накардааст;

2. Модели алоқамандии ду категория аз ҷониби муаллиф баррасӣ гардидааст, вале ин категорияҳо ба таври зарурӣ шарҳи худро наёфтаанд.

Метавонем зикр намоем, ки норасоиҳои қайд гардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор пешниҳод шудаанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи илмии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич дар мавзӯи “Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шуда аст ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 -молия, муомилоти пул ва қарз (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**Сардори идораи кормандони БМТ, н.и.и., дотсент** **Гадоев Д.О.**

Имзои Гадоевро тасдиқ менамоям
Мудири сардори ИК БМТ Абдиева Р.В